# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2018

*Дар давоми соли 2018 устувории вазъи молиявии низоми бонкии кишвар нисбатан беҳтар гардида, аксари нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ талаботҳои муқаррарнамударо иҷро намуданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар соли 2018 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ талаботи муқарраршудаdo таъмин намуда, ба 22,1 фоиз (К1-1) баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли гузашта 0,8 банди фоизӣ кам мебошад. Сармояи танзимшавандаи низоми бонкӣ, бинобар тамоюли коҳишёбӣ доштани нишондиҳандаи мазкур дар ду бонки мушкилотдор, дар муқоиса ба соли 2017 ба маблағи 227,3 млн. сомонӣ ва ё 6,3 фоиз кам гардида, ба нисбатан паст шудани нишондиҳандаҳои МКС мусоидат намуд.

**1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ**




**Пардохтпазирӣ.** Дар соли 2018 меъёри пардохтпазирӣ дар сатҳи низом тибқи талаботи муқарраршуда иҷро гардида, 72,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 1,5 банди фоизӣ кам мебошад.

Дараҷаи пардохтпазирии бо асъор ифодаёфта низ дар низоми бонкӣ, бинобар кам шудани дороиҳои пардохтпазири асъорӣ коҳиш ёфта, ба 66,0 фоиз баробар гардид.

**2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)**




**Даромаднокӣ.** Дар соли ҳисоботӣ, вобаста ба мутобиқ гардидани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба вазъи воқеии бозор ва кам гардидани хароҷотҳои амалиётӣ, фаъолияти низоми бонкӣ мусбӣ ҷамъбаст гардида, сатҳи даромаднокии дороиҳо ва сармоя мувофиқан ба 1,9 фоиз ва 7,0 фоиз баробар гардиданд, ки дар муқоиса ба соли 2017 мувофиқан ба андозаи 1,4 банди фоизӣ ва 5,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

**3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя**




**Сифати сандуқи қарзӣ.** Бинобар идома ёфтани раванди беҳтаршавии сифати сандуқи қарзӣ дар низоми бонкӣ, дар соли

2018 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) ба андозаи 5,4 б.ф. коҳиш ёфта, ба 31,1 фоиз баробар гардид.

Вобаста ба коҳиш ёфтани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, дар соли 2018 нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол ба 79,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли 2017 ба 20,6 банди фоизӣ зиёд мебошад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар ҷамъбасти соли 2018 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ кӯтоҳ буда, -9,6 фоизро ташкил намуд, ки меъёри муқарраршуда (К6-1)-ро таъмин менамояд.

Илова бар ин, дар соли ҳисоботӣ 55,6 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳо бо асъори хориҷӣ ва 51,0 фоизи пасандозҳоро пасандозҳо бо асъори хориҷӣ ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан ба андозаи 4,0 ва 4,4 банди фоизӣ кам мебошад.

**4. Сифати сандуқи қарзӣ**




**5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ**




*Таҳлилҳо дар асоси маълумотҳои оморӣ ва ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шудаанд.*